«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода Маҳмадали Раҳмат
_______________
«___» ____________ 2025 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссератсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дисседатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқи масъалаҳои назариявии таърихи ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, аз ҷумла ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа бахшида шуда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар он зоҳир мегардад, ки илми забоншиносӣ дар баробари дигар масъалаҳо таърихи ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъро мавриди таҳқиқ қарор дода, донишҳои забоншиносии худро дар заминаи таърихии он ташаккул диҳад. Зеро, масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб заминаи асосии дарки дониш ва илмҳо маҳсуб ёфта, дар шароити имрӯза таҳқиқу баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани он яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи таърихи ташаккули ҷумлаҳои мураккаб дар соҳаи наҳви забоншиносии тоҷику англис

хеле муҳим ва зарур маҳсуб ёфта, то имрӯз ҳарчанд доир ба ин самт аз ҷониби забоншиносони тоҷику англис таҳқиқоти зиёде анҷом дода шуда бошад ҳам, вале роҷеъ ба хусусиятҳои сохториву маъноӣ, тарзу воситаҳои алоқа ва тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ дар бахшу гурӯҳҳои мушаххас кори алоҳидаи таҳқиқӣ ба анҷом нарасидааст.

Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тасмим гирифта шуд, ки вобаста ба таърихи ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар асоси манбаъҳои бостонӣ, асрҳои миёна ва даврони муосир кори таҳқиқӣ ба анҷом расонида шуда, тавассути он тарзу воситаҳои алоқа ва роҳҳои созмон додани ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар ду забон, яъне тоҷикиву англисӣ ба таври мушаххас таҳлил ва баррасӣ намуда шавад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**

Натиҷаҳои тадқиқоти унвонҷӯ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаву конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ интишор гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амалисозии мавзуи мазкур маводҳои фактологӣ аз адабиёти бадеӣ ва адабиёти гирдоваришуда буда, илман асоснок карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши маводди мазкур муайян карда шуд, ки роҳу усулҳои ташаккулёбии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, аз ҷумла ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забоншиносии тоҷику англис аз нигоҳи илми муосири забоншиносӣ ба таври ҷудогона таҳқиқ гардида ба анҷом расидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо "Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647)" иртибот дорад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон мебошад ва ба мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аввалин маротиба дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар шакли таҳқиқи алоҳидаи илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст вижагиҳои асосии тавсифҳои ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа, сохтор, қолабҳои ҷумласозии онҳо, таснифоти онҳо, хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва ифодаи тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар муқоиса нишон дода шудааст. Илова бар ин, нақши вазифаҳои синтаксисии пайвандакҳо, воситаҳои ғайрипайвандакии алоқаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа бо сарҷумла, вожаҳои ҳамнисбат, интонатсия, сермаъноии ин навъи ҷумлаҳо, тафовути ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аз дигар навъҳои ҷумлаи пайрав дар забонҳои муқоисашаванда ба риштаи пажуҳиш даромадаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонад ҳангоми коркарди масъалаҳои мубрами грамматикӣ дар заминаи таҳқиқи муқоисавӣ истифода гардад. Дар диссертатсия маводди иловагӣ барои баррасии бархе аз масъалаҳои наҳвии забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ки метавонад ҳамчун сарчашмаҳои асосии пажуҳиш ва омӯзиши минбаъда дар ин самт нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар ҳаллу фасли баъзе бахшҳои назариявии наҳвшиносӣ, махсусан доир ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи марбут ба шохаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ва услубшиносӣ истифода гардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Мутобиқ будани ҳаҷми диссертатсия, коркарди нуктаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳое, ки дар заминаи сарчашмаҳои таҳқиқшуда муайян карда шудаанд, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро собит менамояд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявӣ баён гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Саҳми шахсии муҳаққиқро дар ҷараёни таҳқиқ ба даст овардани мавод вобаста ба мавзуи диссертатсия ва корҳои зерини анҷомдода дар бар мегирад: а) таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, яъне ҷумлаи пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; б) ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод аз сарчашмаҳои мушаххас, яъне аз асарҳои «Ҷейн Эйр»-и Шарлотта Бронте, «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои тоҷикиву англисӣ; в) муайян намудани мавқеи пайвандакҳои тобеъкунанда, вожаҳои ҳамнисбат ва интонатсия, мутобиқати шаклҳои феълию хабарӣ дар ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои муқоисашаванда дар заминаи асарҳои зикргардида; г) нишон додани вижагиҳои ба ҳам монанд ва фарқкунанда дар мавриди таҳлили ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа; д) хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқ ба даст омадаанд.

Таҳқиқи кори мазкур натиҷаи пажуҳиши мустақилонаи муаллифи он мебошад. Инчунин муаллиф дар кулли давраҳои таҳқиқ аз ҷамъоварии маводди илмӣ, омӯзиши манбаъҳои назариявӣ бо назардошти таҳлилу таҳқиқи онҳо мустақилона ва бевосита иштирок намуда, корҳои илмии

донишмандони ватанӣ ва хориҷиро, ки бевосита ба мавзуъ иртибот доранд, мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор додааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Унвонҷӯ муаллифи 9 мақолаи илмӣ марбут ба кор мебошад, ки аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ ба чоп расонидааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар мақолаҳои илмии муаллифи рисола мухтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта аз муқаддима, се боб, чордаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “**Асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**” унвон дошта, дар он роҷеъ ба омӯзиши таърихи пайдоиш ва ба вуҷудоии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, аз ҷумла ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа маълумот ироа гардидааст.

Дар боби аввали диссертатсия андешаҳои забоншиносони тоҷику рус ва англис доир ба пайдоиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар илми забоншиносӣ гирд оварда шудааст. Ба андешаи муаллиф дар сарчашмаҳои илмию таърихӣ

ва манбаъҳои муътамади забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таърихи ташаккулу таҳаввул ва рушду инкишофи онро чун дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба ду давраи таърихӣ тақсим намудаанд: а) давраи асрҳои миёна; в) давраи нав ё муосир.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки, дар созмон додани ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар ҳар ду забони муқоисашаванда дар забоншиносии бахшҳои сарфу наҳв донишмандони асримиёнаи форсу тоҷик, аз қабили Ибни Сино, Носири Хусрав, Насириддини Тӯсӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ саҳми босазо гузоштаанд.

Таҳлилу баррасии навъъҳои алоҳидаи ҷумлаҳои пайрави ҳоли забони тоҷикӣ аз ҷониби наҳвшиносони тоҷик Ҳ. Ҳусейнов [1960], Д. Тоҷиев [1964; 1966; 1971], Ш. Рустамов [1964а,б; 1968; 1979], Ф. Зикриёев [1968], М. Қосимова [1976], Б. Камолиддинов [1980], М. Мирзоева [2017], Д. Хоҷаев [2021] ва дигарон анҷом дода шудааст.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии ҷумлаҳои мураккаб аз ҷониби англисшиносони рус ба монанди А. И. Смирнитский [1957], Ю. Р. Гепнер [1963], Б. С. Хаймович [1967], Л. Л. Иофик [1968], Б. А. Илиш [1971], Н. А. Кобрина [1986] ва дигарон рӯйи кор омадааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **“Воситаҳои грамматикии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ба таҳқиқи хусусиятҳо ва роҳҳои созмон додани ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа тавассути пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, интонатсия ва шаклҳои сиғаи феъливу хабарӣ бахшида шудааст. Дар боби мазкур муаллифи диссертатсия доир ба роҳҳо ва тарзу усули сохтани ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи маводи мушаххас аз сарчашмаҳои тоҷикиву англисӣ, аз ҷумла «Ҷейн Эйр»-и нависандаи англис Шарлотта Бронте, «Ёддоштҳо»-и нависандаи тоҷик Садриддин Айнӣ, «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей мавод ҷамъоварӣ намуда, умумияту фарқияти истифодаи воситаҳои грамматикии мазкурро дар муқоиса дар ду забон бо як маҳорати хос нишон додааст.

Асозода, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев ва дигар муҳаққиқонро оид ба масъалаҳои наҳвшиносӣ овардааст.

Муаллифи рисола зикр намудааст, ки корбурди илми наҳв дар забоншиносии тоҷик дар даврони Истиқлол бештар бо забони тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад, зеро дар ин давра яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи забоншиносон ин ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқ гардонидани калимаву ҷумлаҳо ба шумор меравад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссератсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, ифодакунандаи муҳтавои диссертатсия мебошанд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" баъзе пешниҳоду эродҳоро пешниҳод менамоем, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд:

1. Унвони зербоби аввали боби якуми диссертатсия гуногун номгузорӣ шуда, мундариҷа ба дохили матни диссертатсия мувофиқат намекунад (саҳ. 2, 19);
2. Дар боби аввали рисола муаллиф ақидаи олимони тоҷику англисро овардааст, вале мавриди мавзӯъ аз пешниҳод намудани фикри шахсии худ худдорӣ намудааст.
3. Дар диссертатсия, аз ҷумла боби якум ва зерфасли боби дуюм таносуб риоя нашудааст. Агар боби аввал 36 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирад, боби дуюм 55 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Зербоби дуюми боби дуюм бошад 21 саҳифаро дар бар мегирад. Хуб мешуд, ки диссертант ба ин ҷиҳат диққати махсус медод.

4. Зербобҳои якум ва дуюми боби дуюм "Таркиби морфологӣ ва вазифаи синтаксисии пайвандакҳо дар забонҳои муқоисашаванда", "Нақши пайвандакҳо дар созмони ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои муқоисашаванда» унвон гирифта, дар ин зербобҳо як қатор пайвандакҳо оварда шудааст, вале мисолҳо кам истифода шудааст.(саҳ. 56, 57, 58, 59, 61, 62, 66 ва ғ.).
5. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Хулоса ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси унвонҷӯ ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 15 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Олматова Шарофат Сафаралиевна омода гардидааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Орзузода Парвина Ҷамолидин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда, дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи **№1** аз **28.08.2025** тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра 9 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор" – 9 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
факултети забонҳои хориҷии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»,
номзади илмҳои филологӣ **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
факултети забонҳои хориҷии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», **Кабиров Лутфулло Абдусаломович**

Котиби илмии ҷаласа:
омӯзгори кафедраи назария ва типологияи забони
англисии МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав" **Муродов Исмоил Саидович**

Имзоҳои Ш.С. Олматова, Л.А. Кабиров
ва И.С. Муродовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Исозода Тоҷиддин Исо**

Нишонии муасссаи пешбар:
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: btsu78@mail.ru,
Сомона: http://www.bgu.edu.tj
«29» 08 соли 2025